# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафаров Муҳаммад Сатторович дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои 7-9 тавассути чорабиниҳои беруназсинфии физика» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

Ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагон вазифаи муҳимми низоми муосири таҳсилот ба шумор меравад. Ин аз зарурати омода кардани хонандагон ба ҳамкории муассир дар ҷомеа, фаъолияти дастаҷамъӣ ва худшиносии касбӣ вобаста аст. Ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагон ҳангоми омӯзиши фанни физика раванди муҳим ва гуногунҷанба ба ҳисоб меравад, ки бо истифода аз усулу равишҳои гуногуни таълим ба роҳ монда мешавад. Физика ҳамчун илм дар бораи қонунҳои табиат ва татбиқи онҳо дар ҳаёти воқеӣ барои хонандагон имкониятҳои васеъ фароҳам оварда, салоҳиятҳои иҷтимоии онҳо, ба монанди кори дастаҷамъона, малакаҳои муошират, ҳалли низоъҳо, худтанзимкунӣ ва масъулиятро рушд медиҳад.

Ташаккул додани салоҳиятҳои иҷтимоӣ ҳангоми омӯзиши фанни физика на танҳо ба муваффақияти таълим мусоидат мекунад, балки ба хонандагон дар ташаккул додани малакаҳои муҳимми барои ҳаёт зарурӣ, ба мисли қобилияти кори гурӯҳӣ кардан, малакаҳои муошират ва роҳбарӣ, қобилияти қабули қарорҳо ва талош варзидан барои бартараф кардани мушкилот мусоидат мекунад.

Унвонҷӯ ба он ақида аст, ки супоришҳои физикӣ воситаи муассир барои ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таълимӣ ҳастанд. Онҳо ба малакаҳои муошират, ҳамкорӣ, роҳбарӣ ва масъулиятшиносӣ мусоидат карда, ба хонандагон дар азхуд кардани кори гурӯҳӣ ва шинохти беҳтари якдигар кӯмак мекунанд.

Сафаров Муҳаммад Сатторович дар таҳқиқоти худ собит кардааст, ки мақсади баргузории машғулиятҳои беруназсинфӣ аз фанни физика ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагон тавассути чорабиниҳои зерин равона карда мешавад:

- доништи амиқи физикӣ тавассути татбиқи амалӣ;
- рушди малакаҳои фаъолияти лоиҳасозӣ ва таҳқиқотӣ;
- ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва коммуникатсионӣ;
- тарбияи шавқ ба илм ва техника;
- омодагӣ ба олимпиадаҳо ва чорабиниҳои озмунӣ.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти Сафаров Муҳаммад Сатторович дар он таҷассум ёфтааст, ки равандҳо ва хулосаҳои назариявӣ заминаи мусоидро барои ҳалли бомуваффақияти модели иҷтимоӣ-педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои 7-9 тавассути чорабиниҳои беруназсинфии фанни физика фароҳам оварда, метавонанд дар дигар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

Ҳамзамон, дарҷ месозем, ки дар баробари дастовардҳо ва натиҷаҳои назарраси илмии таҳқиқот муаллифро лозим буд, ки пас аз гузаронидани ҳар як чорабинии ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ равонашуда, хулосаҳои аниқ бароварда, барои омӯзгорон маслиҳатҳои методиро пешниҳод менамуд. Дар ҳар сурат, ин камбудӣ ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад арзиши кори илмии унвонҷӯ Сафаров М. С.-ро коҳиш диҳад.

Диссертатсияи таълифнамудаи Сафаров Муҳаммад Сатторович дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои 7-9 тавассути чорабиниҳои беруназсинфии физика» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) сазовор аст.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои педагогӣ, сардори
маркази омӯзишӣ, сертификатсионӣ ва
рушди инноватсия; и.в. дотсенти кафедраи
барномасозӣ ва муҳандисии компютерии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**НАЗАРЗОДА**
**Рустам Саидмурод**

*«Имзои Назарзода Р. С.-ро тасдиқ мекунам».*

Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва назорати
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Раҳматулло Нусратулло

**Маълумот барои тамос:**
Нишонӣ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Неъмат Қарабоев, 63/3.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
Маркази омӯзишӣ, сертификатсионӣ ва рушди инноватсия
Почтаи электронӣ: Rustam_N@hotmail.com